**ҚАРОРИ**
**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016**
**назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

**аз "02" декабри соли 2022** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; баромади муқарризи расмӣ Пиризода Ҷалил Сафар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, узви Шурои диссертатсионӣ ва тақризи муқаррризи расмӣ Билолов Неъматулло Курбоналиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи барасишаванда: профессорон, доктори илмҳои иқтисодӣ Қудратов Рустам Раҳматович, доктори илмҳои иқтисодӣ Насиров Раҳимбек, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҷабов Раҷаб Кучакович, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳматзода Ҳайдар Бобо дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертационӣ оид ба кори диссертатсионии Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)" бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамияти натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионӣ

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Точикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.